«Тасдиқ менамоям»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
доктори илмҳои таърих, профессор
_________ Усмонзода А.И.
«____» ______________ соли 2024

# ХУЛОСАИ

**кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба рисолаи унвонҷӯ Маҳкамов Саидкул Суяркулович дар мавзуи “Уструшана дар аҳди Сомониён (ҷанбаи таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии таҳқиқот)”, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 –Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод мегардад.**

Диссертатсияи Маҳкамов С.С. “Уструшана дар аҳди Сомониён (ҷанбаи таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии таҳқиқот)” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” иҷро шудааст.

Унвонҷӯ Маҳкамов Саидкул Суяркулович, соли таваллуд 1988, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯи ихтисоси “муаррих, муаллими таърих ва ҷомеашиносӣ” соли 2012 хатм намудааст (дипломи силсилаи № 0129998).

Пас аз хатми донишгоҳ бо тавсияи Комиссияи аттестатсияи давлатии хатм Маҳкамов С.С. ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватан қабул гардида, дар давоми солҳои 2013-2015 дар аспирантура таҳсил намудааст. Баъд аз хатми аспирантура ӯ фаъолияти худро дар донишгоҳ идома дода, ҳоло муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷик мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани минимумҳои номзадӣ аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дода шуда, имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои таърихи илм ва фалсафа бо баҳои “хуб” (суратҷаласаи № 1 аз 3.06.2016), забони англисиро бо баҳои “хуб” (суратҷаласаи № 23 аз 1.12.2016) ва аз ихтисос бо баҳои “аъло” (суратҷаласаи № 5 аз 18. 10.2023) супоридааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ Маҳкамов С. шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шарипов Шавкат, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” мебошад.

Диссертатсияи унвонҷӯ Маҳкамов С.С. дар мавзуи “Уструшана дар ахди Сомониён (ҷанбаи таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иктисодии таҳқиқот)” дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи Ватан ва археологияи факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” бори аввал 29 феврали соли 2020 (суратҷаласаи № 7), бори дуюм 30 июни соли 2022 (суратҷаласаи № 11) бори сеюм 31 майи соли 2024 баррасӣ (суратҷаласаи № 11) гардида, ба ҳимояи расмӣ тавсия шуд. Дар муҳокимаи диссертатсия доктboard илмҳои таърих, профессорон Н. Турсунзода, Н.Раҳимов, В.Набизода, докторони илмҳои таърих, дотсентон А.Аюбов, Б.Турсунов, номзади илмҳои таърих, дотсентон Ҷ.Исомитдинов, Ш.Шарипов, Н.Маҳмудова, Д.Фармонова, Н.Икромов, Ҷ.Абдукаримов, М.Шарипов ширкат варзиданд.

Пас аз муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯ Маҳкамов С.С. дар мавзуи “Уструшана дар ахди Сомониён (ҷанбаи таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иктисодии таҳқиқот)” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих, аз рӯи ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) **хулосаи зерин пешниҳод** мегардад:

1. **Баҳо ба диссертатсияи унвонҷӯ.** Диссертатсияи мазкур дар заминаи ахбори осори хаттии муаррихон, ҷуғрофидонҳо, сайёҳони Чин, муаллифони арабизабон, форсизабони асримиёнагӣ, таҳқиқоти олимон ва сайёҳони руси давраи тоинқилобӣ, шуравӣ ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ таълифгардида, ба яке аз мавзуҳои муҳим ва ҳанӯз таҳқиқнашуда бахшида шудааст.

Мубрамияти мавзуи мазкур аз он иборат мебошад, ки Уструшана яке аз вилоятҳои бузурги Мовароуннаҳр ба ҳисоб рафта, дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ин минтақа нақши бузург гузоштааст. Уструшана дар баъзе марҳилаҳои таърихӣ ҳамчун вилояти мустақил арзи ҳастӣ намуда, барои истиқлолияти худ бо мулкҳои ҳамсоя мубориза мебурд. Муқобилият ва муборизаи мардуми Уструшана бар зидди истилогарони араб ва эҳёи истиқлол ва рушди он дар ҳайъти давлати Сомониён яке аз саҳифаҳои дурахшони таърихи муборизаи озодихоҳии аҷдодони тоҷикон бар зидди ғосибони аҷнабӣ мебошад.

Аҳамият ва арзиши илмии мавзуъ боз дар он зоҳир мегардад, ки таҳқику омӯзиши таърихи вилояти Уструшана ҳамчун як қисмати хеле бузурги маъмурию ҷуғрофии Мовароуннаҳр аҳамияти муҳими илмӣ, назариявӣ, маърифатӣ ва амалӣ дорад. Таърихи Уструшанаи замони Сомониён як қисмати муҳими ҷудонашавандаи таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб рафта, таҳқику омӯзиши он барои равшан намудани баъзе паҳлуҳои ҳодисаву рӯйдодҳои дар асрҳои IX-X ба амал омада мусоидат менамояд.

**Иштироки шахсии унвонҷӯ доир ба натиҷаҳои илмӣ.** Диссертатсияи Маҳкамов С.С. таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф буда, дар он тамоми масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқот ба таври комплексӣ, пайванди хронологӣ ва мантиқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Саҳми шахсии унҷонҷӯ Маҳкамов С.С. дар он зоҳир мегардад, ки дар пояи ҷамъоварӣ, таҳлил, ба низом даровардан ва истифодаи ахбори маъхазҳои таърихии муаллифони асримиёнагӣ, таҳқиқотҳои олимону сайёҳатчиёни давраи

тоинқилобии рус, муҳаққиқони шуравӣ, ватанӣ ва хориҷӣ доир ба таърихи вилояти Уструшанаи аҳди Сомониён таҳқиқоти яклухт ва ҷамъбастиро ба анҷом расонидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар 32 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 6 мақолаҳо дар маҷаллаҳое, ки ба феҳрасти маҷаллаҳо ва нашриёҳои илмии пешбари КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ворид шудаанд, интишор гаштааст. Баъзе натиҷаву хулосаҳои бадастомада аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои илмии вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба шакли маърӯза ва гузоришҳои илмӣ пешниҳод шудааст.

**Дараҷаи боваринокии натиҷаҳои таткиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф ҳангоми таҳияи диссертатсия ба консепсияҳои илмии донишмандони машҳури илми таърих такя намуда, бо истифода аз принсип ва методҳои ба таткиқотҳои таърихӣ хос буда, натиҷа ва хулосаҳои худро пешниҳод кардааст.

Натиҷаҳо, хулосаҳои муаллиф дар пояи принсипи диалектикаи таърихӣ, таърихият, воқеият ҷамъбаст шуда, он ба ҷаҳонбинии илмӣ, баҳои холисона ба воқеаҳо, рӯйдодҳои таърихӣ, шахсиятҳо такя менамояд.

**Мақсад ва вазифаҳои** асосии тадқиқот дар пояи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ ва осори муҳаққиқони тоинқилобии рус, шуравӣ, ватанӣ, хориҷӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додани Уструшана ҳамчун қаламрави давлати Сомониён мебошад. Вобаста ба он дар рисола чунин мақсад, вазифа ва ҳадафҳои мушаххас гузошта мешавад:

- тавсиф, таҳлили инъикоси таърих ва тамаддуни Уструшанаи аҳди Сомониён дар илми таърихнигорӣ ва арзёбии аҳамият ва арзиши илмии онҳо;
- таҳлили ҷуғрофиёи таърихии Уструшана ва шаҳру рустоҳои он дар замони Сомониён дар пояи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ;
- таҳқиқу омӯзиши таърихи сиёсии Уструшана, воқеаву рӯйдодҳои муҳими сиёсии давр ва арзёбии нақшу мақоми вилоятҳои алоҳидаи қаламрави Сомониён, аз ҷумла Уструшана дар ҳаёти сиёсии давлат;
- инъикоси вазъи иқтисодӣ, кишоварзӣ, шаклҳои заминдорӣ, низоми андоз ва андозбандӣ дар Уструшанаи асрҳои IX-X;
- таҳлили рушди ҳунармандӣ, навъҳои касбу ҳунар, муомилоти пулӣ, тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ;
- таҳлили ҷараёни этнофарҳанги Уструшанаи давраи таҳқиқот ҳамчун падида ва ҷузъи таркибии ҷараёни ташаккули халқияти ягонаи тоҷик, давлатдории миллӣ, забони адабии он.

**Навоварӣ дар тадқиқоти** мазкур дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи диссертатсия, амалан нахустин кори илмии махсус, алоҳида, ҳамаҷониба (комплексӣ) дар таърихнигории ватанӣ бахшида ба Уструшанаи аҳди Сомониён ба ҳисоб меравад, ки он дар пояи сарчашмаҳои муътабари таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабӣ, қайду хотироти сайёҳони кишварҳои гуногун, таҳқиқотҳои муҳаққиқони тоинқилобии рус, шуравӣ, ватанӣ ва хориҷӣ таълиф шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур бори нахуст дар доира ва ҳаҷми диссертатсияи номзадӣ ҷанбаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иктисодии таҳқиқоти Уструшана дар аҳди Сомониён мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Қисмати муҳими маълумоти сарчашмаҳои нодири таърихӣ, ки дар

таҳқиқот ҷамъ оварда шудаанд, бори нахуст дарстраси аҳли илм ва умум мегарданд. Навоварии дигари таҳқиқот бо хислати пояи сарчашмавии он муайян мегардад ва дар диссертатсия натиҷаи ҳафриёт ва бозёфтҳои бостоншиносон, дастовардҳои илми бостоншиносӣ дар самти таҳқиқу омӯзиши таърих ва тамаддуни Уструшанаи бостонӣ истифода шудаанд. Дар рисола дар пояи ақидаҳо ва андешаҳои консептуалии муҳаққиқони маъруфи таърих ва тамаддуни Уструшана асоснок карда шудааст, ки ин мулк яке аз вилоятҳои бузург ва бонуфузи қаламрави Сомониён ба ҳисоб рафта, таърихи қадим ва мероси ғании моддӣ ва маънавии сокинони он як ҷузъи таркибӣ ва ҷудонашавандаи таърих, фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон ба ҳисоб меравад.

**Аҳамияти илмию назариявии тадқиқот аз он иборат аст, ки** мавод, далелу рақамҳо, мулоҳизаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашударо ҳангоми таълифи илмӣ-маърифатӣ, амалӣ ва тарбиявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ҷамъбастӣ оид ба таърихи халқи тоҷик ва таърихнигорӣ (историография), ҷуғрофияи таърихӣ, омода намудани китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои ёрирасони таълимӣ барои мактабҳои олӣ, таълими курсҳо ва семинарҳои махсус доир ба илмҳои таърих, таърихнигорӣ, кишваршиносӣ, манбаъшиносӣ ва ғайра истифода намудан мумкин аст.

**Мукаммалии пешниҳоди маводи тадқиқотӣ** бо таҳқиқу омӯзиш, таҳлил, муқоисаи маҷмӯи маълумоти мавҷуда марбут ба мавзуи таҳқиқот, таҳлили пояи сарчашмавии диссертатсия таъмин ва асоснок карда шудааст. Натиҷагирӣ ва объективӣ будани хулосаҳо, ҳамчунин истифодаи усулу шеваҳои хоси таҳқиқотҳои гуманитарӣ ва таърихӣ, мутобиқати онҳо бо вазифа, мақсад ва ҳадафи дар таҳқиқот гузошташуда, риояи принсипҳои таърихият, воқеият, таҳлили холисонаи воқеаҳо ва рӯйдодҳои таърихӣ заминаи ҳамаҷониба ва мукаммал омӯхта шудани масъалаҳои дар пеш гузошташуда ва ҳаллу фасли онҳо мебошад.

**Мақолаҳои дар маҷаллаҳои ба Фехрасти нашрияҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия нашргардида:**

1. Тавсифи мухтасари ҷуғрофияи таърихии Уструшана дар замони Сомониён // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - № 4 (41). – Хуҷанд: Меъроҷ. - ISSN 2077-4900, 2014. - С. 199-206.
2. Тавсифи Уструшанаи аҳди Сомониён дар илми таърихнигорӣ // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - № 4 (45). – Хуҷанд: Меъроҷ. - ISSN 2077-4900, 2015. – С. 29-38.
3. Шарҳу тафсири топоними «Истаравшан» дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва осори олимон / С.С. Маҳкамов // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. - № 1 (70). – Хуҷанд. - ISSN 2077-4900, 2017. – С. 61-71.
4. Сохтори маъмурӣ ва дастгоҳи идории мулки Уструшана дар аҳди Сомониён // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - № 4. – Хуҷанд: Нури маърифат. - ISSN 2077-4900, 2017. – С. 45-54.
5. Саҳми сайёҳатчиён, кишваршиносон ва муҳаққиқони рус дар таҳқиқу омӯзиши Уструшанаи бостонӣ // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои

ҷомеашиносӣ. - № 4. – Хуҷанд: Нури маърифат. - ISSN 2077-4900, 2018. – С. 40-46.

6. Санъати бинокорию меъмории Уструшана дар илми таърихнигорӣ // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - № 4. – Хуҷанд: Нури маърифат. - ISSN 2077-4900, 2021. – С. 34-43 (Бо ҳаммуаллифӣ: Ш.Шарифов)

**Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расида:**

7. Сиккаҳои замони Сомониён // Навсафари ҷодаи илм. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – С. 10-17.
8. Афроди номии аҳди Сомониён аз дидгоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ // Маводи ҳамоиши байналмилалии «Ҷойгоҳи мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар муколамаи фарҳангҳо»: Хуҷанд, 3-4 ноябри соли 2014. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2014. – С. 228-232.
9. Сомониёншиносӣ дар осори илмии академик Аҳрор Мухторов // Усмонҷон Ғаффоров – устод, олим, адиб ва ходими ҷамъиятӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – С. 294-301 (Бо ҳаммуалифӣ: Ш.Шарифов).
10. Бунҷикат – маркази маъмурии вилояти Уструшана // Усмонҷон Ғаффоров – устод, олим, адиб ва ходими ҷамъиятӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – С. 502-510.
11. Мулки Уструшана яке аз марказҳои тамаддуни давлати Сомониён // Масъалаҳои мубрами таърих ва фарҳанги тоҷикон. Маҷмӯаи мақолаҳои муҳаққиқони ҷавон. Барориши 1. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2015. – С. 69-76.
12. Саҳми олимони рус дар таҳқиқу омӯзиши Уструшанаи замони Сомониён // Тоҷикистон ва Россия: сарнавишти ягонаи таърихӣ. Маводи конференсияи илмӣ – назариявии «Осиёи Марказӣ ва Россия: дӯстӣ ва ҳамкориҳои аз санҷиши замон гузашта» бахшида ба 150-солагии ҳамроҳ карда шудани Хуҷанд ба ҳайати Россия. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2016. – С. 433-443.
13. Саҳми академик Нӯъмон Неъматов дар таҳқиқу омӯзиши Уструшанаи аҳди Сомониён // «Академик Нӯъмон Неъматов ва тамаддуни Суғдиён». Маводи конфронси илмӣ-амалӣ ба ифтихори 90-солагии академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илмҳои таърих, профессор Нӯъмон Нуъматович Неъматов. Хуҷанд, 10 марти соли 2017. – Хуҷанд: Ношир, 2017. - С. 28-38.
14. Таҷрибаи Сомониён ва аҳамияти он дар таҳкими давлатдорӣ, ҳуввияти миллии тоҷикон дар замони муосир // Илм ва амнияти миллӣ. – Хуҷанд, ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, 27 декабри соли 2017. – С. 221-228.
15. Ташаккул ва инкишофи низоми ҳуқуқ дар аҳди Сомониён // Маърифати ҳуқуқӣ – омили тарбия ва таҳкими оила, ҷомеа, ҷавонон. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 139-149.
16. Рушди ҳунарҳои мардумӣ дар Уструшанаи аҳди Сомониён (мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо ва осори муаррихон) // Ташаккул ва рушди сайёҳӣ ва тавсеаи ҳунарҳои мурдумӣ дар Осиёи Марказӣ (Тибқи аҳбори сарчашмаҳои хаттӣ ва матолиби дигари таърихӣ) / Маҷмӯи мақолаҳо бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» //

Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор н.и.т., дотсент Юсуфи Шодипур. – Душанбе, 2018. – С. 141-149.

17. Тавсифи Уструшанаи бостонӣ дар осори олимон ва муҳаққиқони ватанӣ // Тоҷикистон сарзамини биҳиштосо (маҷмӯаи маводи конференсияи илмию амалии вилоятии олимони ҷавон. Хуҷанд, 24 апрели соли 2018). – Хуҷанд: Набӣ Фахрӣ, 2018. – С. 101-106.
18. Мақоми мероси илмии ховаршиноси рус В.В.Бартолд дар асарҳои Бобоҷон Ғафуров // Алломаи машриқзамин. Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Академик Бобоҷон Ғафуров - мутафаккири бузурги Шарқ» бахшида ба 110-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон аллома Бобоҷон Ғафуров. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – С. 231-234. (Бо ҳаммуаллифӣ: Г.Ғафурова).
19. Тадқиқи таърихи Уструшанаи бостонӣ дар «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров // Алломаи машриқзамин. Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Академик Бобоҷон Ғафуров - мутафаккири бузурги Шарқ» бахшида ба 110-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон аллома Бобоҷон Ғафуров. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – С. 239-245.
20. Саҳми профессор Абдуллоҷон Мирбобоев дар таҳқиқу омӯзиши фарҳанг ва тамаддуни Уструшанаи замони Сомониён // Суннатҳои Сомониён ва таъсиргузории он дар фарҳангу тамаддуни мардуми Осиёи Марказӣ ва Шарқӣ Наздик. – Душанбе, 2020. – С. 227-234.
21. Муносибатҳои заминдорӣ ва низоми андозбандӣ дар Уструшана // Махзани илм/Паёми донишкада, 2021, № 2. Маводи он-лайн ва офф-лайн анҷумани илмӣ-амалии байналмилалии апрелӣ дар мавзӯи “Масоили мубрами улуми иҷтимоӣ-гуманитарӣ, риёзӣ ва дақиқ дар замони муосир”, 26 апрели соли 2021 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент. – С. 357-364.
22. Омӯзиши Уструшанаи асримиёнагӣ аз ҷониби олимон ва муҳаққиқони ӯзбекистонӣ // Махзани илм / Паёми донишкада, 2021, № 2. Маводи он-лайн ва офф-лайн анҷумани илмӣ-амалии байналмилалии апрелӣ дар мавзӯи “Масоили мубрами улуми иҷтимоӣ-гуманитарӣ, риёзӣ ва дақиқ дар замони муосир”, 26 апрели соли 2021 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент. – С. 364-367.
23. Инъикоси таърих ва фарҳанги Уструшана дар осори ховаршинос В.В.Бартолд // Паёми Навраҳони илм. (Маҷмӯаи мақолаҳои олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон). – Хуҷанд: Ношир, 2021. – С. 28-37.
24. Санъати шаҳрсозию меъмории Уструшана дар асрҳои VIII-X // Паёми Навраҳони илм. (Маҷмӯаи мақолаҳои олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон). – Хуҷанд: Ношир, 2021. – С. 38-50.
25. Инъикоси таърих ва тамаддуни Уструшанаи таърихӣ дар осори муаррихони замони соҳибистиқлол // Тоҷикистон дар шоҳроҳи истиқлол: Маҷмӯи мақолаҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. – С. 276-286.

26. Инъикоси таърих, фарҳанг ва тамаддуни Уструшана дар осори хаттии аҳди бостон ва асрҳои миёна // Тоҷикистон дар масири таърих: истиқлолият, дастовард ва дурнамо. Маводи Симпозиуми байналмилалии илмӣ, 5-6 сентябри соли 2021. Қисми 1. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 97-108.
27. Саҳми академик Аҳрор Мухторов дар таҳқиқу омӯзиши Уструшанаи аҳди Сомониён // 70 сол дар роҳи омӯзиши таърихи миллат. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2021. – С. 181-186. (Бо ҳаммуаллифӣ: Ш.Шарифов)
28. Ҳайати этникии уструшаниҳо дар замони қадим ва асрҳои миёна // Ахбори Осорхонаи таърихии вилояти Суғд. № 6. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – С. 108-115.
29. Бозтоби таърих ва фарҳанги Уструшона дар осори Бобоҷон Ғафуров // Академик Бобоҷон Ғафуров – бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик. Мураттиб-муҳаррир: Аскаралӣ Раҷабов, Баҳриниссо Қобилова. Зери назари академик Фарҳод Раҳимӣ. Муҳаррири масъул: Насрулло Убайдулло. –Душанбе: Дониш, 2023. – С. 463-474.
30. Тоҳириён ва афшинҳои Уструшана: таърихи сиёсию маъмурӣ // Ахбори Осорхонаи таърихии вилояти Суғд. № 7. – Хуҷанд: Ношир, 2023. – С. 100-112.
31. Афшин Ҳайдари Уструшанӣ ва фаъолияти ҳарбӣ-сиёсии ӯ // Паёми Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров. - № 2 (4). – Хуҷанд: Ношир, 2023. – С. **150-156**
32. Омилҳо ва заминаҳои шомилшавии вилояти Уструшана ба қаламрави Сомониён // Таърих ва фарҳанги миллат: дирӯз ва имрӯз. Барориши 1. Ба забони тояикӣ ва русӣ. – Хуҷанд: Парки технологии ДДҲБСТ, 2024. – С. 117-122.

Диссертатсияи Маҳкамов С.С. дар мавзуи “Уструшана дар аҳди Сомониён (ҷанбаи таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии таҳқиқот)” аз ҷиҳати мундариҷа, предмет ва услуби татқиқот ба нуктаҳои 6, 7, 11, 18 и 19 шиносномаи ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи унвонҷӯ Маҳкамов Саидкул Суярқулович ба таври умум барои ҳимояи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02. -Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод карда мешавад.

Ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷик пас аз муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯ Маҳкамов С.

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Махкамов Саидкул Суярқулович дар мавзуи “Уструшана дар аҳди Сомониён (ҷанбаи таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии таҳқиқот)” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих 07.00.02. –Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ҳамчун кори илмии аз лиҳози мазмун, мундариҷа ва мантиқан ба анҷомрасида, ки ба меъёрҳо ва талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Замимаи 2 ба Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30

июни соли 2021, № 267) ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯ Маҳкамов Саидкул Суяркулович барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих 07.00.02. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) барои ҳимояи расмӣ пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷик факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров қабул гардид.

Дар ҷаласа 15 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: 15 нафар "ҷонибдор", "зид" – нест, "бетараф" – нест. Суратҷаласаи № 11, аз 31 майи соли 2024.

**Мудири кафедра таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бободҷон Ғафуров», номзади илмҳои таърих, дотсент** **Маҳмудова Н.С.**

**Котиби ҷаласа:** **Ӯлмасова М.**

**Имзои н.и.т., дотсент Маҳмудова Н.С., Ӯлмасова М. тасдиқ менамоям:**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **Ҳусейнова З.С.**

Суроға: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова,1.
ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров
Тел.: (992-3422)6-52-73; E-mail: rector@hgu.tj